*Ба Шурои диссертатсионии 6D 014 – назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*ш .Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзӯи "Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ( дар мисоли минтақаи Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Истифодаи самаранокии заминҳои куҳӣ ва дар он коридани зироатҳои лалмӣ яке аз масъалаҳои марказии соҳаи аграрии кишвар маҳсуб меёбад. Тавре маълум аст дар заминҳои куҳӣ аксарият ба зироаткории лалмӣ машғул ҳастанд, ки сарчашмаи асосии таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва гирифтани маҳсулоти аз ҷиҳати экалогӣ тоза ба ҳисоб меравад.

Масъалаи ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ дар шароити минтақаҳои куҳӣ ба қисмати муҳими омӯзиши илми иқтисодиёти минтақавӣ шомил гардида, ҳамчун заминаи асосӣ барои фаъолияти хоҷагидорӣ дар рушди минтақаҳои кишвар хизмат менамояд. Пас, дар шароити кунунӣ зарурияти рушди дигар соҳаҳои кишоварзӣ ва коркарди саноатӣ (коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва ғайра), ки нисбати соҳаи кишоварзӣ даромади бештар меоранд, ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ таъмин кардан мумкин аст. Гуфтаҳои боло аҳамият, мубрамӣ ва рӯзмаррагии мавзӯи таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

Тавре диссертант дар автореферааш иброз медорад зироаткории лалмӣ - ин низоми муносибатҳои заминдориест, ки аз қоидаҳои асосӣ ва қонуниятҳои махсуси рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ ва беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ маншаъ мегирад. Аз ин нуқтаи назар ҳамчун низоми махсус барои танзими самараноки истифодаи заминҳои корами лалмии кишоварзӣ ва вазъи экологии минтақаҳои кӯҳӣ, истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар минтақа равона карда шудааст (саҳ.10).

Муҳақиқ бо истифода аз маълумотҳои оморӣ ҷадвалҳо ва диаграмаҳо тартиб дода, таҳлҳо гузарондиааст. Ҳангоми таҳлил дар ҷадвали 5 маълум шуд, ки дар ноҳияҳои кӯҳӣ дар соли 2020 назар ба соли 2016 истеҳсоли гандум 2,5 маротиба, картошка -1,0 маротиба, полезиҳо - 1,2 маротиба, мевагиҳо -1,4 маротиба зиёдгардидааст, ки онҳо дар таъмини аҳолӣ бо маводҳои ниёзи аввал ва таъмини бехатрии озуқаворӣ мусоидат менамоянд(саҳ.17).

Муаллиф бо мақсади муайян намудани дурнамои микдори заминҳои лалмӣ, истеҳсол, ҳосилнокӣ ва хароҷотҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои

кишоварзӣ дар минтақаҳои кӯҳии вилояти Хатлон маълумотҳои омориро барои солҳои 2009-2018 истифода карда, модели ҳисобии авторегрессионии дурнаморо барои солҳои 2021-2025 таҳия кардааст(саҳ.23).

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундарирҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар таҳия кардани модели консептуалӣ ба муаллифи диссертатсия лозим меояд, ки модели мазкурро дар асоси кадом сарчашмаҳои илмӣ таҳия кардааст, тариқи сарчашма нишон диҳад.
2. Фикри муаллиф дар матни диссертатсия дида намешавад. Ҳангоми таҳлил нишондиҳандаҳои ҷадвалҳо шарҳ дода нашудааст.

Дар умум камбудиву эродҳои муайяншуда тавсиявӣ мебошанд, ки ба мазмун ва қимати илмӣ-назариявии диссертатсия таъсири манфӣ расонида наметавонанд. Дар маҷмӯъ қайд карда мешавад, ки дар асоси ҳама ҳолатҳои дар боло қайд гардида, рисолаи номзадии Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзӯи «Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ( дар мисоли минтақаи Хатлон), ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобӣ буда, муаллифи он Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Такриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи**
**ДДК ба номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ**
**Комилов Н.Б.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**